# СУРАТМАҶЛИСИ №38

## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

16 декабри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Дар бораи гузаронидани экспертиза ва таъини комиссияи экспертӣ оид ба рисолаи номзадии Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш., баромад намуда пешниҳод намуданд, ки диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои гузаронидани экспертиза қабул карда

шуда, комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Азиззода У.А.; доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Зоир Ҷ.М. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонзода М.Ҷ., ташкил карда шавад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Азиззода У.А.;
– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Зоир Ҷ.М.;
– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонзода М.Ҷ.

Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Гадоев Б.С.